**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

«02» 03 соли 2024 № 46/КТ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни 2023 № 295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267") қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Д.О.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов И.;
   - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**